


# ФАКУЛТЕТИ МАТЕМАТИКА

**соли 1978 арзи вуҷуд намудааст. Факултет дорои 12 синфхона, 1 озмоишгоҳи компютерӣ, 3 кафедра, 5 кошонаи корӣ мебошад. Айни замон дар факултет зиёда аз 500 нафар донишҷӯён аз рӯи 4 ихтисос - математика-информатика; математика-физика; математика -фаъолияти илмӣ-педагогӣ; математиканақшакашӣ таҳсил менамоянд.**

Ҳоло дар факултети математика 33 нафар омӯзгор фаъолият менамоянд, ки аз ин миқдор 3 нафар докторон, профессорон мебошанд. 13 нафар устодон соҳиби дараҷаи номзади илм, дотсент буда, дар таълиму тарбияи шогирдон саҳмгузор мебошанд. Дар факултети мазкур зиёда аз 500 нафар донишҷӯён тариқи низоми таҳсилоти кредитӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз ин шумора 67 нафар донишҷӯён тариқи Квотаи Президентӣ таҳсил мекунанд. Хатмкардагони факултет асосан дар мактабҳои миёна ба ҳайси омӯзгори математика ва аҳёнан дар дигар соҳаҳо фаъолият менамоянд.

Факултет сафи устодонашро аз ҳисоби кадрҳои худӣ-собиқ хатмкардагонаш пурра кардааст. Имрӯз факултети математика, ки ба як маркази хуби илмӣ мубаддал гардидааст, бо муассисаҳои олии ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар робитаи зич дорад.

Устодони факултет бо ДМТ, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, ДДХуҷанд ба номи Б. Ғафуров, ДДКӯлоб ба номи Рӯдакӣ, Донишгоҳи славянии РусияТоҷикистон, ДДТТ ба номи М.С. Осимӣ, Пажӯҳишгоҳҳои математикаи АИҶТ, Донишгоҳи давлатии Қазон, Пажӯҳишгоҳи математикаи шаҳри Маскав ба номи В.А. Стеклов, шуъбаи дар Новосибирскбудаи АИ Русия, Донишгоҳи давлатии ба номи М.В. Ломоносови шаҳри Маскав робитаи зичи илмӣ доранд.